***Маориф ва маданият*, N34 (4364),**
***21 марти* 1970, *саҳ.* 3**

## НАВРӮЗ, *баҳманҷана*, САДА

Дар хусуси ҷашнҳои халқӣ, аз ҷумла Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ғайра дар сарчашмаҳои қадима маълумотҳои гаронбаҳо ва ҷолиби диққат мавҷуданд.

Дар ин айёми фараҳбахш чанд порчаро аз асари адиб ва муаррихи асри XI тоҷику форс Абӯсаид Абдулҳай ибни Заҳҳок ибни Маҳмуди Гардезӣ - «Зайн-ул-ахбор» ба хонандагони гиромӣ чун наврӯзии бузургони гузашта пешкаш мекунем.

### НАВРӮЗ

Ин рӯзро Наврӯз гӯянд, зеро ки сари сол бошад ва шаб бо рӯз баробар шавад; ва сояҳо аз деворҳо бигузарад; ва офтоб аз равзанҳо уфтад.

Ва расми муғон андар рӯзгори подшоҳии эшон чунон будӣ, ки хироҷҳо андар ин руз ифтитоҳ кардандӣ.

Ва аҷамиён чунин гӯянд, ки андар ин рӯз Ҷамшед бар гӯсола нишаст ва сӯи ҷануб рафт ба ҳарби девону сиёҳон, ба маънӣ «зангиён» бошад. Бо эшон корзор кард ва ҳамаро мақҳур кард.

### НАВРӮЗИ БУЗУРГ

Ин рӯзро Наврӯзи Бузург гӯянд ва чунин гӯянд:

Ҷамшед аз ҳарби сиёҳону девон андар ин рӯз бозомад бо зафару фирузӣ. Ва ғанимати фаровон оварда. Пас он рӯз, ки ҷавоҳири ғанимат оварда буд, бар тахти хеш анбор кард, то ҳар кас бубинад. Ва офтоб аз равзан дарафтод ва ҳама хона аз акси он равшан гашт. Бадон сабаб ӯро «Шед» лақаб кардан ва «шед» ба порсӣ рӯшноӣ бувад. Ва офтобро бадин сабаб «хуршед» гӯянд, ки худ - қурси офтоб ва «шед» равшан.

Ва андар ин рӯз ҷойҳоро об зананд ...

**БАҲМАНҶАНА ЧИСТ?**

Ин рӯз баҳманҷана бошад. Ва расми аҷамиён чунон аст, ки андар ин рӯз деге бупазанд ва аз ҳамаи наботҳову донакҳо ва тухмҳову гӯштҳои ҳар ҳайвоне андар ӯ кунанд. Ва онро «деги баҳманҷана» хонанд. Ва бубаранд ва ба ҳар ҷой бифурӯшанд.

Ва андар ин (рӯз) баҳмани сурх бо шири тоза бихӯранд ва онро муборак доранд. Ва чунин гӯянд, ки ҳифзро суд дорад ва чашми бад боз дорад.

**САДА ЧИСТ?**

Ва ин барсадаро «навсада» низ хонанд. Ва ӯ пеш аз сада ба панҷ рӯз бошад...

Баъзе гуфтанд, миёни ин ду рӯз ва миёни Наврӯз сад шабона рӯз бувад, яъне панҷоҳ рӯзу панҷоҳ шаб. Бадин сабаб сада ном кардандаш.

Аммо сababи оташ афрӯхтан андар вай аст, ки андар он шаб Армоил, ки вазири Бюросб буд, марде некӯният буд.

***Ба чоп тайёркунанда***
**М. РАҲИМ.**